**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

**ББК 67.91 (2Т)**
**УДК 341.3 (575.3)**
**Н – 19**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**НАЗАРОВ ДАВЛАТХОН ҚУРБОНМУРОДОВИЧ**

# САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ САРЧАШМАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**ДУШАНБЕ – 2021**

Диссертатсия дар шуъбаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Икрами Заррух Алимович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТАМИНОТ24» (Ҷумҳурии Қазоқистон)

**Мушовири илмӣ** **Раҷабов Саитумбар Адинаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Маликова Азиза Хорисовна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи ҳуқуқ ва фалсафаи Донишгоҳи давлатии иқтисодии Самара (Федератсияи Россия)

**Мансуров Умед Абдуфаттоҳович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда:** **Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд)**

Ҳимояи диссертатсия 27 августи соли 2021 соати 14:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва дар сомонаи **www.tnu.tj** шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ___________ соли 2021 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Азиззода У.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ (мутамарказ ва маҳаллӣ) ва шартномаҳо, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ-меҳнатии эътирофнамудаи мамлакат аҳамияти калон доранд.

Дар марҳилаи кунунӣ нуфузи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат ба низоми миллии ҳуқуқӣ тақвият ёфтааст, ки он дар навбати аввал бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ дар соҳаи иҷтимоӣ - иқтисодии ҳамаи давлатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар соҳаи меҳнат вобастагии зиёд дорад.

Алҳол меъёрҳои байналмилалии меҳнат, амалан тамоми паҳлуҳои муносибатҳои меҳнатиро дар Тоҷикистон фаро гирифтаанд. Муносибатҳои мазкур ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд натанҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва дигар воситаҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ, инчунин тавассути санадҳои гуногуни ҳуқуқии байналмилалӣ (санадҳои СММ, СБМ, санадҳои байниминтақавӣ, минтақавӣ, дуҷониба ва бисёрҷониба) танзим мешаванд.

«Саҳми Созмони Байналмилалии Меҳнат дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва тавсеаи шарикии иҷтимоии байни давлатҳо, иттифоқҳои касаба ва корфармоён ва санадҳои қабулкардаи он дар шакли конвенсияҳо ва тавсияҳо ба танзими одилонаи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат мекунад», – таъкид намудаанд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2019[1].

---

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарамЭмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2019. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 30.10.2019 с.).

То имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон 51 конвенсия ва 22 тавсияномаи Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ)-ро эътироф намудааст.

Ҳамаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат вижагиҳои худро дошта, аз рӯйи тартиби таҳияву қабул ва эътибор пайдо намудану амал кардан дар қаламрави давлатҳои мухталиф, аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Бинобар ин, зарур аст, ки бо такя ба назарияи ҳуқуқ ва амалия, табиати ҳуқуқии санадҳои мазкур муайян карда шуда, тартиби таҳия ва қабули онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосҳои таъсири мутақобилаи онҳо бо санадҳои қонунгузории дохилидавлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ошкор карда шавад.

Дар марҳилаи кунунӣ масъалаҳои инкишофи қонунгузории миллӣ оид ба меҳнат ба сабаби таъсири мутақобилаи он бо принсип ва меъёрҳои байналмилалии меҳнат махсусан муҳим мегарданд. Мувофиқан, нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар таҳқиқи раванди таъсири мутақобилаи меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба меҳнат бемайлон меафзояд.

Дар ин ҳол, масъалаи дараҷаи таъсири мутақобилаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат ба санадҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат аҳамияти хоса пайдо хоҳад кард.

Дар кишвари мо дар самти муносибатҳои меҳнатӣ давра ба давра санадҳои ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ ва бевосита ба баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва таъмини шароити бехатар ва мусоиди кор равонагардида қабул карда шуданд ва ин иқдом минбаъд низ идома хоҳад ёфт.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 тасдиқ шудааст, омадааст, ки барои таҳкими сиёсати байналмилалии ҳуқуқии кишвар дар марҳилаи имрӯза, муайян намудани вазъи воқеии қонунгузории миллӣ дар таносуб бо раванди инкишофи муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалии омавӣ ва хусусӣ, таҳлили мунтазами

дақиқ ва бартарафсозии мухолифатҳои қонунгузории миллӣ бо санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон зарур аст[2].

Таҳқиқи илмии масъалаҳои ба сарчашмаҳои танзимкунандаи байнидавлатӣ ва байналмилалии меҳнат дахлдор, дар муайян намудани дурнамои такмили қонунгузории Тоҷикистон оид ба меҳнат ва пурра мутобиқ намудани он бо санадҳои байналмилалӣ дар бахши меҳнат кӯмак хоҳад кард.

Бо дарназардошти гуфтаҳои болоӣ мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ боиси шакку шубҳа нахоҳад буд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Такмили асосҳои ҳуқуқӣ-хусусии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019» ва шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии муассисаи илмии мазкур дар мавзӯи «Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии таъмини сулҳ, амният ва мубориза бо ҷинояткорӣ: таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ барои солҳои 2013-2017» омода шудааст. Бандҳои дахлдори дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаҳои мазкур фарогири амиқи мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиони мебошанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат ва ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Дараҷаи коркарди илмии мавзӯъ.** Ба ҷойгоҳ ва нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат, як қатор пажӯҳишҳои олимони Россия ва дигар

---

[2] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумњурии Тоҷикистон барои солњои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти № 1005 тасдиқ шудааст. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронї]. Манбаи дастрасї: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурољиат: 18.03.2020 с.).

давлатҳои ИДМ А.Э. Аметистов[3], В.А. Батир[4], Д.К. Бекяшев[5], В.Н. Вайнштейн и Е.В. Тютина[6], О.А. Вострецова[7], С.А. Иванов[8], И.Я. Киселев[9], М.В Лушникова ва А.М. Лушников[10], Н.Л. Лютов[11], П.Е. Морозов, Г.С. Скачкова[12], В. Статсенко[13], Д.В. Черняева[14], И.В. Шестерякова[15] бахшида шудаанд.

Таҳлили мавқеъ ва нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи миллии Тоҷикистон ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдори соҳавӣ дар асарҳои чунин олимони тоҷик анҷом дода шудааст: Ғ.М. Бобокалонов[16], Р.Б. Бозоров[17], Ф.Ф. Идизода (Ф.Ф. Идиев)[18], З.А.

---

[3] Аметистов А.Э. Международное право и труд: факторы имплементации международных норм о труде // Международные отношения. – М., 1982. – 272 с.

[4] Батырь В.А. Актуальные проблемы имплементации норм МТП в законодательстве РФ // Московский журнал международного права (специальный выпуск). 1999. – С. 195-200.

[5] Бекяшев Д.К. Международное трудовое право. – М., 2008. – 280 с.

[6] Вайнштейн В.Н., Тютина Е.В. Применение норм международного права в сфере нового Трудового кодекса Российский Федерации // Марийский юридический вестник. – 2002. Вып. 2. – С. 149-160.

[7] Вострецова О.А. Конвенции и рекомендации Международной организации труда как источники трудового права: дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – 184 с.

[8] Иванов С.А. МОТ: контроль за применением международных норм о труде и его проблемы // Государство и право. – 1997. - № 7. – С.17-24.

[9] Киселев И.Я. Сравнительное и международное трудовое право. Учебник для вузов. – М., 1999. – 450 с.

[10] Лушникова М.В., Лушников А.М. Международное трудовое право и право социального обеспечение. Учебное пособие. – Ярославль, 2010. – С.248.

[11] Лютов Н.Л., Морозов П.Е. Международное трудовое право / Под ред. К.Н. Гусова. – М.: Проспект, 2011. – 216 с.

[12] Скачкова Г.С. Международные трудовые стандарты и российское законодательство о труде: некоторые вопросы соответствия // Право и экономика: междисциплинарные подходы в науке и образовании. IV Московский юридический форум. XII Международная научно-практическая конференция (Кутафинские чтения): материалы конференции: в 4 ч. Ч. 4. – М.: РГ-Пресс, 2017. – С. 3-7.

[13] Стаценко В. Конвенции Международной организации труда: механизмы имплементации и контроль за применением // Белорусский журнал международного права и международных отношений. – 2002. - №2. – С.18-22.

[14] Черняева Д.В. Международные стандарты труда (международное публичное трудовое право). – М., 2010. – 187 с.

[15] Шестерякова И.В. Международные трудовые нормы и трудовое право России: их соотношение и коллизии: дис. ... д-ра. юрид. наук. – М., 2011. – 384 с.

[16] Бобокалонов Ғ.М. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба шартномаҳои коллективӣ // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2019. - №1 (33). – С.12-18.

[17] Бозоров Р.Б. Лоиҳаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва такмили он // Ҳаёт ва қонун. – Душанбе, 2016. - №1. – С.124-132.

[18] Идиев Ф.Ф. Международно-правовые основы участия международных организаций в урегулировании конфликта в Таджикистане: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 193 с.

Икромӣ[19], А. Имомов[20], З.Х. Искандаров[21], Х.Р. Қодирқулов[22], И.И. Камолзода (И.И. Камолов)[23], М.А. Маҳмудзода (М.А. Маҳмудов)[24], Н.Р. Маҳмадуллозода (Н.Р. Маҳмадуллоев)[25], Ш.М. Менглиев[26], С.А. Раҷабов[27], М.З. Раҳимзода (М.З.Раҳимов)[28], Б.А. Сафарзода (Б.А. Сафаров)[29], Ф.С. Сулаймонов[30], Н. Шонасридинов[31] ва дигарон.

---

[19] Икрами З.А. Правовые аспекты трудовой миграции в Российской Федерации и в Республике Таджикистан (сравнительная характеристика): дис. ... канд. юрид. наук. - М., 2006. – 160 с.

[20] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 390 с.

[21] Искандаров З.Х. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2009. – 263 с.

[22] Кодиркулов Х.Р. Проблемы правового регулирования трудовых отношений с иностранным элементом. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 151 с.; Роль международных договоров в регулировании трудовых отношений // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши ДДМТ дар тайёркунии мутахассисони ҳуқуқшинос ва рушди илми ҳуқуқ» (30.06.2008) бахшида ба 60-солагии Донишгоњи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эљод», 2008. – С. 106-125.

[23] Камолов И.И. Источники права Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 195 с.

[24] Махмудов М.А. Конституционный нормоконтроль – гарантия гармонизации национальных законодательств // Евразийская интеграция: экономика, право, политика, 2012. – № 11. – С. 84-88.

[25] Махмадуллоев Н.Р. Правовое регулирование трудовых отношений трудящихся - мигрантов в Республике Таджикистан - члене евразийского экономического союза: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2013. – 186 с.

[26] Менглиев Ш. Международное частное право. – Душанбе: Типография ТНУ, 2013. – 562 с.

[27] Раджабов С.А. Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики. Душанбе: «Дониш», 2006. – С. 81-85; Реализация международно-правовых норм о труде в Республике Таджикистан в условиях глобализация // Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика. VI Международная научно-практическая конференция (Душанбе, 31 октября 2018 г.). Ежегодный сборник докладов. – Душанбе, 2018. – С.208-212.

[28] Рахимов М.З. Вопросы устранения противоречий законодательства в решениях Конституционного суда Республики Таджикистан // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2010. - №2. – С.79-80.

[29] Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. ... д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 370 с.

[30] Сулаймонов Ф.С. Мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоили ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. – Душанбе, 2014. – 325 с.

[31] Шонасридинов Н., Бозоров Р.Б. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ (қисми умумӣ). – Душанбе: «Сино», 2006. – 264 с.; Шонасридинов Н. Бобокалонов Ғ.М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул н.и.ҳ., дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: нашриёти ҶДММ «Кондар», 2020. – 823 с.

Аммо то ҳол дар ҳавзаи илмии ҳуқуқшиносии Тоҷикистон таҳқиқоти ҷудогонае, ки ба мақом ва нақши санадҳои байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат, танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд бахшида шуда бошад, вуҷуд надошт. Диссертатсияи пешниҳодгардида нахустин таҳқиқот дар ин самт мебошад. Мо кӯшиш намудем, ки проблемаҳои асосии ҷойдошта оид ба танзими меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нигоҳи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таҳқиқ намоем.

**Асоснокии илмӣ ва назариявии таҳқиқот**. Зимни омода намудани кори диссертатсионӣ мо корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқи меҳнати Тоҷикистон, ҳуқуқи байналмилалии меҳнат, аз қабили Ғ.М. Бобокалонов, З.А. Икромӣ, А. Имомов, З.Х. Искандаров, Х.Р. Қодирқулов, И.И. Камолзода (И.И. Камолов), Н.Р. Маҳмадуллозода (Н.Р. Маҳмадуллоев), Ш.М. Менглиев, С.А. Раҷабов, М.З. Раҳимзода (М.З. Раҳимов), Б.А. Сафарзода (Б.А. Сафаров), Ф.С. Сулаймонов, Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев), Н. Шонасридинов, инчунин донишмандони дигар мамлакатҳои ИДМ А.Э. Аметистов, Д.К. Бекяшев, Л.Ю. Бугров, О.А. Вострецова, К.Н. Гусов, С.А. Иванов, И.Я. Киселев, А.М. Куренной, М.В Лушникова, Н.Л. Лютов, С.П. Маврин, С.Ю. Марочкин, М.Н. Марченко, А.Ф. Нуртдинова, Ю.П. Орловский, Г.С. Скачков, О.В. Смирнов, К.Л. Томашевский, Г.И. Тункин, Е.Б. Хохлов, Д.В. Черняева, И.В. Шестерякова ва дигаронро мавриди истифода қарор додем.

Дар баробари ин, дар таҳқиқот аз асарҳои донишмандони кишварҳои хориҷи дур Н. Валтикос, Л. Свепстон, Ш. Ссел, А. Томас ва дигарон истифода шудааст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили маҷмӯии ҷойгоҳ ва нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳо оид ба меҳнат дар низоми сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар Тоҷикистон, инчунин таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо вобаста ба таъмини мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллии Тоҷикистон оид ба меҳнат

бо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии СММ, ки дорои меъёрҳо оид ба меҳнат мебошанд ва санадҳои СБМ иборат аст.

Барои расидан ба ҳадаф, дар назди худ **вазифаҳои** зеринро гузоштем:

- таҳқиқи мафҳум ва намудҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи миллии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тавсифи низом ва силсиламартабаи (иерархияи) сарчашмаҳои дохилидавлатии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд ва муайян намудани таносуби он бо низом ва силсиламартабаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили мафҳуми санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба меҳнат ва таснифоти онҳо;
- баррасии тартиби таҳия ва қабули санадҳои байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ-меҳнатӣ;
- таҳлили санадҳои СММ, ки дорои меъёрҳои байналмилалӣ оид ба меҳнат мебошанд;
- таҳқиқи табиати ҳуқуқии конвенсияву тавсияномаҳои СБМ ва возеҳ намудани нақши онҳо дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд;
- муайян намудани тарз ва марҳилаҳои амалӣ гардидани меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ дар сатҳи миллӣ;
- таҳияи пешниҳод ва тавсияҳои асоснок ҷиҳати такмили қонунгузории дохилидавлатӣ оид ба меҳнат бо мақсади таъмини мувофиқати пурраи он бо санадҳои эътирофнамудаи байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат.

**Асосҳои методологии диссертатсияро** методи умумиилмии диалектикии идрок, инчунин методҳои таҳлилӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ ва дигар методҳои хусусӣ-илмӣ ташкил намудаанд.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳлили маҷмӯии ҷойгоҳ ва нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалии (санадҳои СММ ва СБМ) дорои меъёрҳои меҳнатӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро** мафҳум, муҳтаво, таснифи сарчашмаҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалии танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва

муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, намудҳо ва табиати ҳуқуқӣ, шаклҳои татбиқи меъёру муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ оид ба меҳнат, шаклҳои назорат бар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба меҳнат дар сатҳи миллӣ ташкил медиҳанд.

**Асоси меъёрии таҳқиқотро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии миллӣ оид ба меҳнат, санадҳои дорои меъёрҳои байналмилалии меҳнати СММ ва санадҳои СБМ дар соҳаи меҳнат ташкил намудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки пажӯҳиши мазкур нахустин таҳқиқоти ба таҳлили нақш, ҷойгоҳ ва аҳамияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии СММ ва СБМ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар Тоҷикистон бахшидашуда мебошад.

**Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1. Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллии (дохилидавлатии) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ намудааст ва низоми сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд на дар ҳама маврид бо ҳам мутобиқат мекунанд.

Низоми сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар Тоҷикистон на танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар моддаи 9-и қонуни мазкур дарҷшуда, инчунин санадҳои дигар, аз қабили санадҳои меъёрии ҳуқуқии бахши шарикии иҷтимоӣ (созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарофавӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ), шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии маҳаллӣ ва шартномаи меҳнатиро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, аз рӯйи таркиби худ, низоми сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд нисбат ба таркиби низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеътар мебошад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нав бо номи «Сарчашмаҳои танзими

муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд» илова карда шавад.

2. Азбаски се сатҳи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд маълум аст, яъне мутамарказ, маҳаллӣ ва шартномавӣ, аз ин рӯ, моддаи 12 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки «Таносуби танзими қонунӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ» ном дорад, ба «Танзими мутамарказ, маҳаллӣ-ҳуқуқӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд» иваз намудан мувофиқи мақсад аст.

3. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, вазифаи дугонаро иҷро мекунанд: аввалан, ба сифати сарчашмаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар кишвар хизмат мекунанд; сониян, ба сифати асоси такмили қонунгузории дохилидавлатӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва замина барои комилан мутобиқ намудани он бо принсипҳо ва меъёрҳои эътирофгардидаи ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат баромад мекунанд.

4. Дар марҳилаи кунунии рушди ҳуқуқи меҳнат ва мутобиқ намудани қонунгузории миллии меҳнат бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба меҳнат, фаъолияти меъёрҷодкунии СБМ дорои афзалиятҳои хос ва муайяне дар муқоиса бо дигар созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавии байналмилалӣ мебошад. Натиҷаи ҳамин фаъолият барои кишвари мо, ин шумораи зиёди конвенсияҳои тасдиқшуда мебошад, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

5. Афзалияти ҳуқуқи байналмилалӣ бар ҳуқуқи миллӣ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, волоияти санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои соҳаи меҳнат бар қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат, мутлақ ва бечунучаро нест. Ба ин сабаб мутлақ нест, ки онҳо бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мутобиқат дошта бошанд, бечунучаро набудани онҳо бошад, ба он алоқаманд аст, ки амали мустақими меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ метавонад ва бояд дар ҳолатҳои муайян ҷой дошта бошад: а) дар сурати мутобиқат накардани қонунҳо

ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда; б) дар мавриди дар санадҳои миллии меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуд набудани меъёрҳои зарурӣ ҷиҳати танзими муносибатҳои бавуҷудомада ва ҳаллу фасли ҳолатҳои бамиёномада; в) дар ҳолатҳое, ки меъёрҳои санади ҳуқуқии байналмилалӣ дар муқоиса на танҳо бо санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ, балки дар қиёс бо дигар сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд, шароити бештар имтиёзнокро пешбинӣ менамоянд.

6. Азбаски ҳуқуқҳои меҳнатии дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсия дар бораи маҳви ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, инчунин Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон пешбинишуда ба зумраи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ таалluқ доранд, мувофиқи мақсад мебуд, агар маълумотҳои шахсони алоҳида (шикоятҳои инфиродии шахсон) дар бораи вайронкунии ҳуқуқҳои онҳо аз тарафи давлати иштироккунанда, маҳз дар Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии СММ баррасӣ мешуданд.

7. Бо мақсади таъсиси механизми муассир ва самарабахши ҳифзи байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои меҳнатии шахсони зери ҳимояи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта, бетаъхир ба Протоколи факултативии Паймони байналимилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

8. Соли 1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи конвенсияҳо ва тавсияномаҳои СБМ-ро, ки қаблан аз тарафи собиқ ИҶШС тасдиқ шуда буданд, эътироф намуд, аз ҷумла 11 конвенсия ва тавсияномаҳои СБМ-ро, ки ба танзими меҳнати кормандони флоти (навгони) баҳрӣ ва дарёӣ, аз ҷумла флоти моҳидорӣ равона гардидаанд. Азбаски Ҷумҳурии Тоҷикистон флоти (навгони) баҳрӣ ва дарёӣ, аз ҷумла флоти моҳидорӣ надорад ва бо сабабҳои объективӣ дошта ҳам наметавонад, бинобар ин, конвенсияҳои мазкур, ки барои Тоҷикистон ҳеҷ гуна манфиати

амалӣ надоранд, бояд аз эътибор соқит (денонсатсия) карда шаванд.

9. Ба қарорҳое, ки аз тарафи мақомоти назоратии СБМ дар хусуси аз ҷониби давлатҳои иштироккунанда риоя нашудани меъёрҳо, принсипҳо ва муқаррароти санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи онҳо қабул карда мешаванд, бояд на ҷанбаи тавсиявӣ, балки қувваи қонунӣ дода шавад. Зиёда аз он, барои иҷро накардани қарорҳои мазкур, бояд ҷавобгарии ҳуқуқии давлатҳои иштирокчӣ дар шакли таҳримҳои гуногуни ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад, ки ин ба афзоиши самаранокии механизми назоратии СБМ мусоидат хоҳад кард.

**Эътимоднокии натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада** тавассути истифодаи усулҳои муосири идроки илмӣ, ки дар маҷмӯъ асоси методологии таҳқиқотро ташкил медиҳанд, таҳлили доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, инчунин санадҳои дахлдори байналмилалии аз тарафи Тоҷикистон эътирофнамудаи СММ ва СБМ, истифодаи асарҳои илмии донишмандони соҳаи ҳуқуқи Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷии наздику дур, ки ба санадҳои СММ дорои меъёрҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ ва СБМ оид ба меҳнат бахшида шудаанд, таъмин гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Аз хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷойдошта зимни пажӯҳишҳои минбаъдаи проблемаҳои амали якҷояи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба меҳнат ва таносуби онҳо, инчунин дар раванди такмили қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи байналмилалӣ комилан мутобиқ намудани он истифода намудан мумкин аст.

Маводи диссертатсияро метавон дар раванди таълим ҳангоми дарсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус оид ба ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсон истифода намуд.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ дар шуъбаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

омода шуда, дар ҷаласаи якҷояи шуъбаҳои мазкур, муҳокима ва барои ҳимоя тавсия шудааст.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Инчунин нуқтаҳои асосии он дар маърӯзаҳо ва гузоришҳои муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои ҳарсолаи апрелии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, дар конференсия ва семинарҳои баргузорнамудаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, инчунин дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ гузориш шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Кори диссертатсионӣ, таҳқиқоте мебошад, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудааст. Ғояҳо, нуқтаҳо ва хулосаҳои асосии дорои аҳамияти назариявӣ ва илмӣ, пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба қавӣ намудани мавқеъ ва баланд бардоштани нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои марбут ба меҳнат, дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар Тоҷикистон, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, шахсан ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ вобастаанд. Он аз муқаддима, се боби фарогири ҳафт зербоб, хулоса, феҳристи маъхазҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 185 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок ва дараҷаи коркарди илмии он муайян гардида, мақсад, вазифаҳо, асоси илмӣ-назариявӣ, меъёрӣ ва методологӣ, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот мушаххас ва навгонии илмии он қайд карда мешавад, нуқтаҳои меҳварии ба ҳимоя пешниҳодшаванда бозгӯ, эътиборнокии натиҷаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва

амалии он инъикос шуда, мутобиқати мавзӯи таҳқиқот ва робитаи муҳтавои он ба равандҳои бунёдии илми ҳуқуқшиносӣ таъкид гардида, дар бораи тасвиби натиҷаҳои бадастомада, инчунин сохтори таҳқиқот маълумот оварда мешавад.

Боби якуми диссертатсия - **«Тавсифи умумии низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби аввал - **«Мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таносуби онҳо бо сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд»**, равишҳои маъмул дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ нисбат ба таърифи мафҳуми «сарчашмаҳои ҳуқуқ» таҳлил гардида, таносуби мафҳумҳои «сарчашмаҳои ҳуқуқ» ва «шаклҳои ҳуқуқ» мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар адабиёти муосири илмӣ ва таълимӣ мафҳумҳои «сарчашмаҳои ҳуқуқ» ва «шаклҳои ҳуқуқ»-ро зиёд истифода мебаранд, ки таносуби онҳо аз ҷониби муҳаққиқон гуногун арзёбӣ мешавад.

Дар назарияи умумии ҳуқуқ якчанд нуқтаи назари асосӣ дар мавриди муайян намудани таносуби байни мафҳумҳои «сарчашмаҳои ҳуқуқ» ва «шаклҳои ҳуқуқ» вуҷуд дорад. Нуқтаи назари аввал ба мушобеҳ донистани ин мафҳумҳо далолат мекунад. Тибқи нуқтаи назари дувум, ин мафҳумҳо комилан мустақил арзёбӣ мегарданд. Моҳияти нуқтаи назари севум он аст, ки ифодаи «ё – ё» ба ҳолати воқеии кор мувофиқат намекунад.

Мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат низ дар бораи таносуби мафҳумҳои «сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат» ва «шаклҳои ҳуқуқи меҳнат» ақидаҳои худро баён намудаанд, ки онҳо куллан бо ақидаи олимоне, ки дар соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ кор мекунанд, мувофиқат мекунанд.

Баъзе аз олимон пешниҳод доранд, ки аз мафҳуми «сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат» даст кашида, ба ҷойи он истилоҳи «шаклҳои ҳуқуқи меҳнат» ё «санадҳои меъёрӣ»-ро бояд истифода бурд. Гурӯҳи дигар даъват мекунад, ки аз истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат» ғайримустақим даст кашидан зарур аст. Гурӯҳи севум бар он ақидаанд, ки мафҳуми

«сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат»-ро метавон амалан ба ҷойи мафҳуми «шаклҳои ҳуқуқи меҳнат» кор фармуд. Пайравони нуқтаи назари чорум чунин фикр доранд, ки байни ин мафҳумҳо қисман бояд ҳад гузошт.

Ба андешаи мо, набояд аз мафҳумҳои «сарчашмаи ҳуқуқ» ва «шакли ҳуқуқ» даст кашид, ҳамзамон, муҳим нест, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ба мафҳуми «шакли ҳуқуқ» ё баръакси он иваз намоем. Моҳиятан ин ду мафҳум айнияти якдигар нестанд. Истилоҳи «сарчашмаи ҳуқуқ» ҳамеша як маъно дорад – асос, оғози пайдоиш ва рушди меъёрҳои ҳуқуқӣ, худи ҳуқуқ бо маънои объективиаш, дар ҳоле ки мафҳуми «шакли ҳуқуқ» аввалан ифодаи зоҳирии меъёрҳои ҳуқуқиро тавсиф менамояд, аниқтараш ба санадҳои дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои меҳнатӣ ишора мекунад, сониян, шакли ҳуқуқ дар маънои санадҳои меъёрӣ дар навбати худ ҳамчун замина барои такмили дигар санадҳои амалкунанда хизмат мекунад.

Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия **«Намудҳои сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд»** ном дорад.

Сарчашмаҳои ҳуқукро олимон ба намудҳои зерин ҷудо кардаанд: одатҳои ҳуқуқӣ, шартномаҳои меъёрии ҳуқуқӣ (шартномаи дорои муҳтавои меъёрӣ), таълимоти ҳуқуқӣ (доктрина), амсоли судӣ, санади меъёрии ҳуқуқӣ.

Сарчашмаи қадимтарини ҳуқуқ **одати ҳуқуқӣ**, яъне, қоидаи нонавиштаи рафтор мебошад, ки дар натиҷаи муддати тӯлонӣ батакрор истифода намудан ташаккул ёфта, аз ҷониби давлат ба сифати қоидаи умумиҳатмӣ эътироф гардидааст.

Бояд қайд кард, ки одат зимни танзими муносибатҳои меҳнатӣ хеле кам истифода мешавад. Дар адабиёти таълимӣ танҳо ба як ҳолати истифодаи одат зимни танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд ишора шудааст: тӯли 15 дақиқа навбатдори худро мунтазир шудан ва дар сурати ҳозир нашудани ӯ, ба маъмурият хабар додан.

Бо дарназардошти он ки доираи васеи сарчашмаҳои расмии танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо

алоқаманд мавҷуд аст, муаллиф ба феҳристи сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат дохил намудани одати ҳуқуқиро нолозим медонад.

**Шартномаи меъёрии ҳуқуқӣ** низ баъзан ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ истифода мешавад. Фарқияти аз ҳама асосии он аз дигар шартномаҳо дар доро будан ба меъёрҳои ҳуқуқ – қоидаҳои хусусияти умумидоштаи иҷрояшон барои доираи номуайяни шахсон ҳатмӣ ифода меёбад. Вале шартномаи меъёрии ҳуқуқӣ бо вуҷуди аз дигар намудҳои шартнома фарқ карданаш, бояд ба шартҳои эътибор доштани шартномаҳо ҷавобгӯ бошад.

Ба ақидаи муаллиф, шартномаи меъёрӣ-ҳуқуқиро метавон ҳамчун санади ҳуқуқии муштарак ё ин ки таъйиди ифодаи ризояти мувофиқашудаи субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ки баҳри муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ равона шудаанд, арзёбӣ намуд.

Тавассути **таълимоти ҳуқуқӣ (доктрина)** маъною моҳияти меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ шарҳ дода шуда, халоҳо дар қонунгузорӣ ошкор карда мешаванд, пешниҳодот ва тавсияҳо ҷиҳати такмили он таҳия мегарданд. Аз хулосаҳо, пешниҳодот ва тавсияҳои таҳиякардаи таълимоти ҳуқуқӣ (доктрина) ҳамчун қоида мақомоти ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ машғулбуда ҳангоми қабул намудани қарорҳои дахлдор истифода мебаранд.

Мо мавқеи ҳуқуқшиносонеро, ки таълимоти ҳуқуқиро (доктринаро) на ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ, балки ҳамчун василаи ташреҳи моҳият ва маънои меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ медонанд, ҷонибдорем.

Тавре маълум аст, дар низоми ҳуқуқи англо-саксонӣ **амсоли судӣ** сарчашмаи ҳуқуқ ҳисобида мешавад. Ҳуқуқи Тоҷикистон бошад, ба низоми ҳуқуқи романӣ-олмонӣ тааллуқ дорад, ки он амсоли судиро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ, аз ҷумла сарчашмаи ҳуқуқи меҳнат намеҳисобад.

Ба ақидаи муаллиф, эътироф кардан ё накардани санадҳои мақомоти судӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи меҳнат, ба намуди ин санадҳо вобастагӣ дорад. Санадҳои мақомоти судии дар шакли қарорҳо аз рӯйи парвандаҳои мушаххас қабулшуда, наметавонанд сарчашмаи ҳуқуқ бошанд. Қарорҳои мақомоти олии судии дорои ташреҳоти раҳнамунро, ки барои тамоми

мақомотҳои судӣ ва судяҳо ҳатмӣ мебошанд, метавон ба сарчашмаҳои ҳуқуқ дохил намуд.

Муаллиф таҳқиқи низоми дохилидавлатии сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо он алоқамандро ҷамъбаст намуда, баъзе хулосаҳо ва пешниҳодоти худро ироа намудааст, аз ҷумла:

1) Пешниҳод дар бораи ба Кодекси меҳнати ҶТ илова намудани моддаи нав бо номи «Сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд» бо ишора дар он ба шартномаи меҳнатӣ ҳамчун ба яке аз намуди онҳо.

2) Иваз намудани номи моддаи 12 Кодекси меҳнати ҶТ - «Таносуби танзими қонунӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ» ба «Танзими мутамарказ, маҳаллӣ-ҳуқуқӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд».

Боби дуввум – **«Сарчашмаҳои байналмилалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд ва таснифи онҳо»** аз се зербоб иборат мебошад, ки дар он нуқтаҳои назари донишмандони Тоҷикистон ва Россия доир ба мафҳум, аломат, нақш ва таснифоти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба меҳнат мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар чорчубаи зербоби якуми боби дуюм, ки **«Мафҳуми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд»** номгузорӣ шудааст, масъалаи нақш ва ҷойгоҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд таҳлили худро ёфтааст.

Дар бораи шаклҳои гуногуни сарчашмаҳои ҳуқуқӣ - байналмилалии меҳнат сухан ронда, муаллиф ба сифати шакли асосии онҳо шартномаҳои байналмилалии аз ҷониби давлатҳо тасдиқшударо меҳисобад.

Таърифи расмии мафҳуми шартномаи байналмилалӣ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дахлдор дарҷ гардидааст. Масалан, мутобиқи Конвенсияи Вена оид ба ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969 ва

Конвенсияи Вена оид ба ҳуқуқи шартномаҳо байни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ё байни созмонҳои байналмилалӣ аз 21 марти соли 1986, шартномаи байналмилаӣ созишномаи байналмилалиест, ки миёни давлатҳо дар шакли хаттӣ баста шуда, новобаста ба он ки чунин созишнома дар як, ду ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд ҷой дода шудааст, инчунин новобаста ба номи мушаххаси он, бо ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад.

Агар дар маъхазҳои ҳуқуқӣ оид ба сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ донистани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муносибати духӯра ҷой дошта бошад, пас дар сатҳи конститутсионӣ дар ҶТ ин масъала ба таври мусбат ҳалли худро ёфтааст.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ оид ба вобаста донистани афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бар қонунҳои миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо тарзҳои мушаххаси ифодаи ризояти Тоҷикистон ба ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои мазкур барои он нуқтаи назар баён шудааст.

Аммо дар ягон санади байналмилалӣ, ҳамчунин дар ҳеҷ як санади ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бавосита ё бевосита вобаста будани афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ бо тарзи ифодаи ризояти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳатмӣ будани иҷрои санади байналмилалӣ барои он, меъёру муқаррароте вуҷуд надорад.

Бо истифодаи ибораҳои «тасдиқ кардан», «эътироф намудан», «имзо кардан», «ҳамроҳ шудан» танҳо тарзҳои изҳори ризояти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси барояш ҳатмӣ будани иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ ифода мешаванд, аммо на масъалаи додани афзалият ба шартномаҳои байналмилалӣ нисбат ба қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ.

Афзалияти ҳуқуқи байналмилалӣ бар ҳуқуқи миллӣ ва афзалияти санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои байналмилалӣ оид ба меҳнат бар қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат, мутлақ ва бе чуну чаро нест.

Муаллиф таснифи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии соҳаи меҳнатро вобаста ба доираи амали онҳо афзал медонад,

яъне вобаста ба марзи паҳншавии онҳо, ки ба ҳеҷ ваҷҳ имконияти таснифоти баъдии санадҳои мазкурро аз рӯйи дигар маҳакҳо, масалан, аз рӯйи қувваи ҳуқуқӣ, тарзи эътирофи онҳо аз ҷониби давлатҳо ва ғайра истисно намекунад.

Дар зербоби дуюм - **«Санадҳои СММ дорои муҳтавои меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба меҳнат»**, тамоми санадҳои СММ, ки фарогири меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба меҳнат мебошанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Яке аз муҳимтарин соҳаи фаъолияти СММ, ки дар чаҳорчӯби субъектҳуқуқии байналмилалии худ анҷом медиҳад, фаъолияти меъёрофаринӣ дар соҳаи меҳнат мебошад. Дар доираи он санадҳои гуногуни ҳуқуқии байналмилалӣ - эъломияҳо, конвенсияҳо, муоҳидаҳо, паймонҳо, хартияҳо ва ғайра таҳия ва қабул мешаванд.

Санадҳое, ки СММ дар соҳаи меҳнат қабул мекунад, аломатҳои зерин доранд: якум, сатҳи ноилшудаи пешрафти ҷаҳонӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатиро ифода мекунанд; дувум, онҳо барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар давлатҳои сатҳи рушдашон баланд ва истеҳсолоташон такмилёфта намуна мебошанд; севум, ба таъмини ҳамоҳангсозии қонунгузории давлат оид ба меҳнат мусоидат мекунанд; чорум, татбиқи ҳуқуқҳои инсонро ба меҳнат, ки дар санадҳои байналмилалии хусусияти умумидошта эълон шудаанд, таъмин менамоянд.

Ассамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро тасдиқ карда буд. ки он дар ҳифзи байналмилалии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таҳавулоти қатъӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳуҷҷати дигари СММ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки дорои меъёрҳои меҳнат мебошад, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ ҳисоб меёбад, ки он бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ 2016 (XX) аз 21 декабри соли 1965 тасдиқ шуда, 4 январи соли 1969 ба ҳукми эътибор даромадааст.

Дар моддаи 5 Конвенсия қайд карда мешавад, ки давлатҳои иштирокчӣ вазифадоранд, табъизи нажодиро бо тамоми шаклҳояш манъ намуда, барҳам диҳанд ва

баробарҳуқуқии ҳар як инсонро дар назди қонун бидуни тафриқаи нажодӣ, ранги пӯст, миллият ё халқият, оид ба татбиқи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби озодонаи кор, шароити одилона ва мусоиди меҳнат, ҳимоят аз бекорӣ, пардохти баробар барои меҳнати баробар, подоши одилона ва қонеъкунанда, ташкили иттифоқҳои касаба ва шомил шудан ба онҳоро таъмин намоянд (зербанди і банди е).

Ба меҳнат ва муносибатҳои меҳнатии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои хонаводаи онҳо теъдоди зиёди меъёрҳо ва муқаррароти Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои хонаводаи онҳо, ки бо қатъномаи 45/158 Ассамблеяи Генералӣ аз 18 декабри соли 1990 қабул карда буд, бахшида шудааст.

Санади дигари муҳим Конвенсия оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон мебошад, ки он бо Қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ аз 18 декабри соли 1979 қабул гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон онро соли 1994 тасдиқ намудааст. Ин ҳуҷҷат қонуни байналмилалии ҳуқуқи занон ба ҳисоб меравад. Илова ба ин, ҳуҷҷати мазкур як навъ барномаи амал барои давлатҳои иштирокчӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсади он таъмини кафолати ин ҳуқуқҳо мебошад.

Бо қатъномаи 61/106 Ассамблеяи Генералии СММ аз 13 декабри соли 2006 Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон қабул гаштааст, ки моддаи 27-и он ба меҳнат ва шуғли маъюбон бахшида шудааст.

Санади дигари бисёр муҳим ва аҳамиятдоштаи ҳуқуқии СММ «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ» аз 16 декабри соли 1966 мебошад, ки дар он тамоми ҳуқуқҳо ва кафолатҳои меҳнатии дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар сабтшуда, таҳкими комилтар пайдо кардаанд. Ин Паймон яке аз аввалин санадҳои байналмилалии СММ мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 9 декабри соли 1998 эътироф намудааст.

СММ дар баробари Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ 19 декабри соли 1966, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро қабул кард, ки онро Тоҷикистон соли 1998 эътироф кардааст. Ин санад асосан ҳуқуқҳои умумӣ, гражданӣ, яъне ҳуқуқҳои дорои

хусусияти иҷтимоӣ-сиёсиро дар бар гирифта, дорои танҳо ду меъёри марбут ба меҳнат аст: меъёрҳо оид ба манъи меҳнати маҷбурӣ (қисми 3 моддаи 8) ва татбиқи озодонаи ҳуқуқ ба муттаҳид шудан, аз ҷумла ҳуқуқ ба ташкили иттифоқҳои касаба (моддаи 22).

Аҳамияти назаррасро дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқҳо, аз ҷумла ҳуқуқҳои меҳнатӣ, як қатор меъёрҳо ва муқаррароте доро мебошанд, ки дар санадҳои зерини СММ, ба монанди Протоколи факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Протоколи факултативӣ ба Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон, Протоколи факултативӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон пешбинӣ шудаанд.

Протоколи факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ чунин санади байналмилалие мебошад, ки ҳуқуқ ба шикояти (ахбори) инфиродӣ оид ба вайрон кардани ин ё он ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шахси зери ҳимояи ҳуқуқии давлати узви Паймон қарордошта ва механизми баррасии онро муайян мекунад.

Ба итминони муаллиф, барои он ки шахсони зери ҳимояи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта воқеан ҳам аз ҳуқуқи ирсоли хабар (шикоят)-и инфиродӣ ба Кумитаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ истифода бурда тавонанд, Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ба Протоколи мазкур ҳамроҳ гардад.

Зербоби сеюми боби дуюм - **«Санадҳои СБМ: табиати ҳуқуқӣ ва таснифот»** ном дошта, дар он конвенсияҳо ва тавсияномаҳои аз тарафи мақомоти олии СБМ - Конференсияи байналмилалии меҳнат (КБМ) қабулшаванда, ки ба асли трипартизм (сетарафӣ) асос ёфтааст, ҳамчун санадҳои асосии СБМ баррасӣ мешаванд.

СБМ ҳамчун як муассисаи махсуси СММ вазифаи меъёрэҷодкуниро иҷро намуда, санадҳои мухталиф – оиннома, эъломия, конвенсия, тавсия, паймон ва ғайраро таҳия ва қабул мекунад.

Дар байни санадҳои СБМ, ба таври махсус се эъломия қайд карда мешавад: Эъломияи Филаделфия аз 10 майи соли

1944; Эъломия оид ба мубориза бар зидди апартеид аз соли 1964; Эъломия «Дар бораи принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат» аз 18 июни соли 1998.

Масъалаи табиати ҳуқуқии конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ аз рӯзи ташкили СБМ аз ҷониби муҳаққиқон баррасӣ шуда, то имрӯз мавриди таҳлил қарор дорад.

Муаллиф бо андешаи муҳаққиқоне, ки конвенсияҳои СБМ-ро ба сифати шартномаҳои байналмилалии дорои хусусиятҳои фарққунанда, ки аз тартиби махсуси таҳия, қабул ва изҳори ризоити давлатҳо дар хусуси барояшон ҳатмӣ будани иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи конвенсияҳои СБМ, татбиқи конвенсияҳо аз ҷониби давлатҳо ва назорати иҷрои онҳо аз ҷониби давлатҳо бармеоянд, вобастаанд, ҳамфикр мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ба таҳқиқи табиати ҳуқуқии тавсияҳои СБМ камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Адабиёти замони шӯравии ба ҳуқуқи байналмилалӣ таалуқманд, табиати ҳуқуқии тавсияҳои СБМ-ро танҳо дар қаринаи табиати ҳуқуқии қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ баррасӣ намуда буд. Дар ин зимн баъзе аз олимон тавсияҳо ва қатъномаҳои созмонҳои байналмилалиро ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ меҳисобиданд, бархе дигар дар тавсияҳои СБМ равандҳои ёрирасони ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро медиданд, на сарчашмаҳои ёрирасони онро.

Дар байни конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ алоқамандии муайян мавҷуд аст, ки онҳо гоҳе якдигарро пурра месозанд ва гоҳе, яъне вақте қабули конвенсия аз рӯйи баъзе масъалаҳо даст намедиҳад, тавсияҳо нақши муҳимро мебозанд ва ҳамчун санадҳои мустақил амал мекунанд.

